Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
____________ Ибодуллозода А.И.
“_13_” ________ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Дар ҷомеаи муосир ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули системаи донишҳо, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Хонавода муҳимтарин мактаби ташаккули шахсият буда, дар ин ҷо хонанда дар роҳу ташаккули ахлоқию маънавии ҳаёт қадамҳои аввалин мегузорад. Дар ташаккул ва рушди шахсият, сифатҳои фардӣ ва хусусиятҳои иҷтимоии хонанда нақши пешбарандаро хонавода ишғол менамояд.

Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аҳамияти муҳим дошта, дар он вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд, баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд зикр гардидаанд. Аз ҷумла, дар қонуни мазкур омадааст: “Падару модаронро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо таълимгоҳу ҷомеа ва дар навбати худ мактабро зарур аст, дар ҳамкорӣ бо падару модарон ва ҷомеа ҷиҳати татбиқи бандҳои ин қонун камари ҳиммат банданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз равобити байни оила, таълимгоҳ ва ҷомеа хеле коста гардидааст. ҳол он ки на оила, на таълимгоҳ ва на ҷомеа наметавонанд дар алоҳидагӣ дар тарбияи маънавию ахлоқии таълимгирандагону ҷавонон саҳмгузор бошанд”

Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ду ниҳоди муҳими иҷтимоӣ ба шумор рафта, ҳамкории онҳо дар самти тарбияи хонанда ва самарабахш гардондани раванди таълим бо

истифода аз техника ва технологияҳои иттилоотию педагогии муосир ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа табдил ёфтааст.

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна мавзӯи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир” интихоб намудааст.

Ҳадафи таҳқиқотро асосҳои назариявию амалии фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ, таҳқиқу коркарди тарҳи (модели) ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хонавода ташкил медиҳад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш масъалаи истифодаи техника ва технологияҳои муосири педагогию иттилоотиро дар муассисаи таълимӣ ва хонавода баррасӣ намуда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷимоишавии хонандагон дар шароити муосир ошкор намудаст. Инчунин, омилҳои мусбат ва манфии ташаккули муносибати хонандагон ба техника ва технологияи муосирро дида баромада, аҳамияти ин равандро барои муассисаҳои таълимӣ ва хонавода мавриди назар қарор додааст.

Дар идома диссертант таъкид менамояд, ки дар ташаккул ва инкишофи муносибати хонандагон ба техника ва технологияи муосир омилҳои мухталиф таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ баррасӣ карда шавад.

Аз таҳлили адабиёти илмию методӣ бармеояд, ки пажӯҳиши масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода аҳамияти илмию амалиро касб мекунад, то дар истифодаи техника ва технологияҳои муосир назоратро ба роҳ монда, баҳри самаранок истифода намудани он аз ҷониби хонандагон тамоми чораҳо андешида шаванд. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар мегиранд. Накш ва мақоми ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ бо гузаронидани корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.

Дар рисолаи Мирбобоева Бибивахӣ махсусан коркарди тарҳи (модели) “Педагог– Хонанда-Волидон”-ро бояд қайд намуд, ки дар он муносибат, робита ва фаъолияти якҷояи муассисаи таълимӣ, хонавода ва хонандагони синфҳои 7-9 бо истифодаи дастовардҳои техника ва технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ дар раванди таҳсил ва берун аз он бо як пайдарҳамӣ ва алоқамандӣ мураттаб гардидааст. Дар тарҳи мазкур, махсусан шаклҳои анъанавии кор бо волидон маҷлисҳо барои волидон, конфронсҳои умумии муассисаи таълимӣ ва ҷамъиятӣ, маслиҳатҳои инфиродии омӯзгор, инчунин шаклҳои ғайрианъанавӣ рӯзномаи электронӣ, паёмакҳои иттлоотӣ, почтаи электронӣ, интернет-конференсияҳо, шабакаи муассисаи таълимӣ, маҷлис тариқи интернет ва ғайраҳо мавриди истифода қарор ёфтаанд.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқотҳои илмии психологӣ–педагогӣ, таҳлили осори фалсафию таърихӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъи нақши пешбарандаи хонаводаро дар рушди хонанда, ҷанбаҳои назариявии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода, назарияи фаъолияти педагогӣ дар раванди навоварӣ дар таълим, таълимот оид ба моҳият ва вазифаҳои тарбияи хонавода дар муносибати мусбати хонанда ба техника ва технологияи муосирро амиқ омӯхта, дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа нуктаи назари хешро иброз намояд.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ мавриди омӯзиш қарор ёфтааст;
- мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои рушди техника ва технологияи муосири педагогӣ, нақш ва мақоми онҳо дар самарабахшии фаъолияти таълимии хонандагон таснифот шудааст;
- тарҳи (модели) ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода «Педагог-Хонанда-Волидон” дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ ҷиҳати васеъ гардонидани ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии онҳо мавриди коркард қарор ёфтааст;
- дар заминаи озмоиши педагогӣ хусусиятҳои таъсири мусбию манфии техника ва технологияи муосир ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон дар шароити ҳозира муайян шудааст;

- ҷамъбасти корҳои санҷишӣ-озмоишӣ ва пешниҳодот дар асоси маҷмӯи натиҷаҳои бадастомада бо омӯзгорон, хонандагону волидон дар муассисаҳои пойгоҳӣ натиҷаҳои мусбатро нишон доданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст самаранокии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ дар ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфта, накш ва мақоми техникаю технологияҳои муосири иттилоотӣ дар самарабахшии фаъолияти таълимӣ мавриди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода нишон дода шуд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар коркарди асосноккунии илмию назариявии зарурияти ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир бо назардошти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода зоҳир гардида, илова бар он мавқеи волидон, навъи муносибати волидон ва хонанда, самтгириҳои арзишии волидон, услуби тарбияи хонаводагӣ, бунёди модели ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлилу таҳқиқ карда шуд.

Таҳқиқоти мазкур метавонад зарурияти коркард ва истифодаи технологияи ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро нишон дода, самарабахшии ҳамкории онҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон зимни истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ таъмин намояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро коркарди воситаи ташхисии муайян намудани мавҷудияти сатҳи салоҳияти волидон, тасвияҳои истифодаи модули самаранокии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хонавода, истифода намудани барномаи самарабахшии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар бар мегирад. Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии низоми ҳамкориҳои муассисаҳои таълимӣ ва хонавода, дар шаклгирии муносибати бошууронаи хонандагон ба дастовардҳои техника ва технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ зимни таҳсил ва берун аз он мусоидат карда метавонанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо такя ба дастовардҳои илмҳои педагогию психологии муосир ва маводи озмоишҳои амалӣ бори нахуст масъалаи ҳамкориҳои муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттиллотию педагогӣ ба таври

амиқу густурда мавриди  таҳқиқ ва арзёбӣ намудааст. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дарбар гирифтаанд.

Қобили зикр аст, ки натиҷаи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 7 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд,

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони “Асосҳои назариявию амалии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар асарҳои илмию методӣ” таҳлили адабиёти илмии фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ шакл ва методҳои асосии кор бо волидон таҳлил гардида, мазмуну мундариҷаи кор бо волидон муайян ва идеяи муносибати тафриқавӣ (дифференсиалӣ)-и ҳамкорӣ бо волидон ва баланд бардоштани фарҳанги педагоги иттилоотии онҳо пешниҳод карда мешавад.

Ба андешаи муаллиф мақсади ҳамкории омӯзгор ва волидайн дар муассисаи таълимӣ – ташаккули шахсияти хонанда ба ҳисоб меравад. Раванди ҳамкории хонавода ва муассисаҳои таълимӣ бояд ба ворид гардидани волидайн ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти беруназдарсӣ, ҳамкории хонандагон ва омӯзгорон равона карда шавад. Маҳз истифодабарии технологияҳои иттилоотию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, ташкили махзани рақамии ягонаи маводи таълимии электронӣ, рушди заминаҳои муосири моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба воситаи мунтазам аз нав таҷҳизонидани онҳо бо техникаву технологияҳои ҳозиразамон ва ташкили торнамои (портали) ягонаи иттилоотии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ равона гардидааст.

Истифодаи техника ва технологияи муосири таълимӣ восита ва методҳои нави ҳамкории омӯзгорон ва хонандагонро пешниҳод менамоянд, ки бадастории самараноки натиҷаҳои фаъолияти педагогиро дар соҳаи таълим ва тарбия таъмин намуда, дар рушди ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат менамоянд.

Дар раванди кор бо волидон дар пайвастагӣ бо мазмун ва шаклҳои гуногуни кор дигаргуниҳои мувофиқ ба ҳадафҳову вазифаҳои таҳқиқотӣ ворид гардид. Ин дигаргуниҳо дар асоси натиҷагирӣ аз сӯҳбат, мушоҳида, баҳисобгирии дархосту фикру андешаҳо, вазъияти ба амал омадаи кори

амалӣ ва ғайраҳо ба миён омад ва мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифт.

Натиҷаҳои ба дастомада собит мекунад, ки ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон дар шароити имрӯза, мавриде ки муассисаи таълимӣ, оила, созмонҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ, воситаҳои ахбори умум ба насли наврас таъсири гуногунсамт мерасонанд, ба яке аз вазифаҳои муҳим ва мубрам табдил ёфтааст.

Дар боби дуюм «Шароитҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ бо хонавода дар инкишофи муносибати мусбати хонандагон ба технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ» роҳҳо ва воситаҳои асосии таҳкими ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода ҳамчун заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир мавриди пажӯҳиш қарор ёфтааст.

Мувофиқи мақсади таҳқиқоти мазкур шароитҳои педагогии самаранокии ҳамкории муассисаи таълимӣ ва хонавода муайян гардида, шаклҳои кор бо волидон, аз ҷумла, маҷлисҳо барои волидон, маслиҳатҳои инфиродӣ, ташриф овардан ба хонаводаи хонандагон, конфронсҳои умумии муассисаи таълимӣ ва шаклҳои ғайрианъанавӣ - интернет-форумҳо, интернет-конференсияҳо, шабакаи муассисаи таълимӣ, маҷлис тариқи интернет, рӯзномаи электронӣ, тренинг ва ғайраҳо мавриди истифода қарор ёфтанд.

Яке аз шаклҳои ғайрианъанавӣ, ки муносибати ҳамкории омӯзгорон ва волидон дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе аз рӯйи он ба роҳ монда шудааст, ин барномаи электронии иттилоотии соҳаи маориф “eDonish” –мебошад. Барномаи мазкур муосир буда, бо қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 06.08.2020, №409 “Дар бораи татбиқи барномаи электронии “eDonish” дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ” қабул гардидааст.

Муҳаққиқ дар қисмати озмоиши кор хеле хуб нишон додааст, ки таввасути ин барнома волидони хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз ахлоқу рафтор ва пешрафти донишомӯзии фарзандони худ бо истифода аз воситаҳои иттилоотиву коммуникатсионии муосир ва гирифтани паёмакҳо ба телефонҳои ҳамроҳ ба таври доимӣ бохабар мешаванд.

Аз ҷониби таҳқиқгар, дар қисмати озмоишии кор ба волидон ва омӯзгорон саволи “Аз кадом техника ва технологияи муосир истифода менамоед” пешниҳод гардидааст. Аксарияти иштирокчиён, зиёда аз 85% онҳо иброз намуданд, ки методи беҳтарини ҳамкории омӯзгор ва волидон ахбороти иттиллотӣ тариқи телефон мебошад, доимо фаъол буда, ахборот зуд дастрас мегардад. 64% иштирокчиён пешниҳод намудаанд, ки ҳамасола баргузор гардидани олимпиадаҳои фаннӣ дар

сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ, озмунҳои ҷумҳуриявӣ ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо хонавода дар истифодаи техника ва технологияҳои навин боз ҳам қавитар ва васеътар мегардонад. Танҳо 18% иштирокчиён ташриф овардани омӯзгоронро ба хонаводаи хонандагон муҳим мешуморад. Ин хулоса аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ аз ҷониби омӯзгорон ва волидон мубрам ҳисобида шуда, таъсири он ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷимоишавии ҷомеа дар шароити муосир тақозои замон мебошад.

Дар рафти таҳқиқот, инчунин масъалаи истифодаи роҳу воситаҳои самараноки азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагон бо истифода аз технологияҳои муосири педагогӣ асоснок гардидааст. Муайян гардид, ки дар раванди ҷорӣ кардани технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳо ва истифодаи метод ва тарзҳои гуногуни таълим шавқу завқи хонандагонро ба донишандӯзӣ баланд мебардорад.

Ба андешаи муаллиф санҷиши шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги иттилоотию педагогӣ дар ҷараёни истифодаи техника ва технологияи муосири педагогӣ гузаронида шудаанд, натиҷаи самаранокии худро ба масъалаи таҳқиқшаванда исбот намуданд, ки фарзияи таҳқиқотро тасдиқ намуд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррونии довталаб, сарфи назар аз баъзе норасоиву камбудиҳои ҷузъӣ, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки истифодаи усулҳои психологию педагогӣ ва шаклу воситаҳои инноватсионӣ барои самаранокии низоми ҳамкориҳои муассисаҳои таълимӣ ва хонавода, дар шаклгирии муносибати бошууронаи хонандагон ба дастовардҳои техника ва технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ зимни таҳсил ва берун аз он бешҳубҳа мусоидат менамоянд.

Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада. Аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории

диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтвои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзуи “Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ. Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳохолӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муаллифи диссертатсия оид ба роҳу восита ва шаклҳои гуногуни ташаккули муносибати мусбати хонандагон бо техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ маълумоти зиёд додааст, вале дар ин росто бисёр хуб мешуд, роҷеъ ба ҷойгоҳ ва нақши васоити ахбори умум, ба вижа, оид ба таъсиргузор будани телевизиону интернет, ки дар шароити имрӯза дар шакл гирифтани ахлоқу маърифати насли наврас ва ҷавонон аз ҳама бештар мусоидат мекунанд, андеша ва хулосаҳои худро манзур мекард ва бад-ин васила арзиши илмиву амалии таҳқиқоти худро бештар мекард.
2. Муаллифи рисола оид ба роҳҳо ва воситаҳои истифодаи техника ва технологияи муосир маълумоти зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онҳоро нишон додааст, аммо вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимиро баррасӣ накардааст.
3. Дар руйхати адабиёт шумораи нокифояи корҳои илмӣ оид ба масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ ворид нагардидааст, ҳол он ки ин сарчашмаҳо дар матни диссертатсия таҳлил гардидаанд.
4. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳи забони рисола, меъёрҳои услубӣ ва қоидаҳои меъёрии пунктуатсия ва имло, хатогиҳои услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ дар рисола ва автореферат мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва

дастовардҳои назарраси диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевнаро дар мавзуи "Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

Тахассуси илмии довталаб Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мутобиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна дар мавзуи "Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Мирбобоева Бибиваҳӣ Мирбобоевна иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 14 нафар устодону омӯгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 13.03.2023, №3).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон, номзади
илмҳои педагогӣ — Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, номзади
илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф.

13.03.2023

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, +992(918) 65 71 94; E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф.Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.